**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Парвандаи аттестатсионии №_
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 1-уми июли соли 2023, №12

барои сазовор донистани Хушматов Намоз Раҳмонович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ

Диссертатсияи Хушматов Намоз Раҳмонович дар мавзуи «Таҳлили маъноиву сохтории консепти «одоб» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2022, таҳти №306) рӯзи 26-уми апрели соли 2023, суратҷаласаи №29 барои ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Хушматов Намоз Раҳмонович 9-уми августи соли 1987 дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2006 ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дохил шуда, онро аз рӯйи ихтисоси омӯзгори забонҳои фаронсавӣ ва англисӣ хатм кардааст. Солҳои 2017-2023 унвонҷӯйи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мебошад. Фаъолияти кориашро соли 2015 ба ҳайси ассистенти кафедраи назарияи тарҷума ва услубшиносии ДДОТ ба номи С.Айнӣ оғоз кардааст. Аз моҳи сентябри соли 2015 то соли 2020 дар вазифаи ассистенти кафедраи назарияи тарҷума ва услубшиносӣ, сипас аз соли 2020 ба ҳайси муаллими калони ҳамин кафедра кор карда, аз моҳи майи соли 2022 то ҳол ба ҳайси сармутахасиси шуъбаи робитаҳои байналмилалии ДДОТ ба номи С. Айнӣ кору фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии ДДОТ ба номи С.Айнӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илми филология, дотсенти кафедраи назарияи тарҷума ва услубшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Каримов Шухрат Бозорович.

**Муқарризони расмӣ:**

**Тағоева Табассум Музафаровна** – доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва типологияи забони англисии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав".

**Матробиён Саодатшо Қосимзода** - номзади илми филология, дотсенти кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи "Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода".

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илми филология, дотсент, мудири кафераи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии факултети филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ Муродов Бахриддин Раҳмонович, ташхисгар номзади илми филология, дотсенти кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии факултети филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ Гуламадшоев Шокиршо Шерзодшоевич, котиби илмии ҷаласа Ғуломов Ҳайдар Қаландарович имзо шуда, ба имзову мухри ректори муассиса-доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек тасдиқ гардидааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи номзадии Хушматов Намоз Раҳмонович дар мавзуи «Таҳлили маъноиву сохтории консепти «одоб» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бар он асоснок мегардад, ки онҳо

мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 9 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамояд.

**а) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

**[1-М] Хушматов Н.Р.** Мавқеи усули когнитивӣ дар таҳқиқи таъсири мутақобилаи забон ва фарҳанг / Н.Р. Хушматов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (маҷалаи илмӣ). — Душанбе, 2019. – №6 (83). – С. 99-104.

**[2-М] Хушматов Н.Р.** Таъсири шуури дастаҷамъонаи забонӣ ба ташаккулёбии консептҳои махсуси миллӣ дар тасвири забонии ҷаҳон / Н.Р. Хушматов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (маҷалаи илмӣ). – Душанбе, 2021. – №6 (95). – С. 110-113.

**[3-М] Каримов Ш.Б., Хушматов Н.Р**. Шаклҳои “пазироӣ” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Ш.Б.Каримов, Н.Р. Хушматов // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе 2022. – №6. – С. 16-21

**[4-М]** Х***ушматов Н.Р.*** Роҳҳои баёни “хайрухуш” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Н.Р. Хушматов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (маҷалаи илмӣ). – Душанбе, 2022. – №5 (100). – С. 116-120.

**б) Мақолаҳо дар дигар маҷаллаю маҷмуаҳои илмӣ:**

**[5-М] Хушматов Н.Р.** Теоритические основы коммуникации вежливости в лингвистике / Н.Р. Хушматов // Актуальные проблемы лингвистики, переводоведения и методики обучения иностранным языкам в высшей школе: мат. респуб. научно-прак. конференс. – Душанбе 2018. – С. 356-358.

**[6-М] Хушматов Н.Р.** Синтаксические средства выражения вежливости в английском и таджикском языках / Н.Р. Хушматов // Республиканской научно-практической конференции, посвященной

году развития туризма и народных ремесел. – Душанбе 2018. – С. 477-481.

[7-М] **Хушматов Н. Боронов У.** Шарҳ ва мафҳуми консепт дар илми забоншиносӣ / Н. Хушматов, У. Боронов // Масълаҳои мубрами методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар муасисаҳои таҳсилоти олии касби: мав. конференс. илмӣ-амал. ҷумҳуриявӣ. – Душанбе 2020. – С. 232-233

[8-М] **Хушматов Н.Р.** Хусусиятҳои грамматикии консепти «одоб» дар забони англисӣ / Н.Р. Хушматов // Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, методика ва тарҷума: мав. конференс.илмӣ-амал. ҷумҳуриявӣ. – Душанбе 2020. – С. 207-209

[9-М] **Хушматов Н.Р.** Тасвири консепти «одоб» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Н.Р. Хушматов // Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, тарҷумашиносӣ, адабиётшиносӣ ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар мактабҳои олӣ: мав. конференс.илмӣ-амал. ҷумҳуриявӣ. – Душанбе 2021. – С. 216-209.

**Ба автореферати диссертатсия ба шурои диссертатсионӣ аз муҳаққиқони зерин тақризҳо ворид шудаанд:**

**1. Маҳмадов Ҷовидон Шарифович** - номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Дар тақриз мубрам будани мавзуъ, навгонӣ дар таҳқиқи илмии диссертант зикр гардида, ба автореферат ду эрод гирифта шудааст:

- Дар автореферат баъзан хатогиҳои техникӣ дида мешавад (саҳ. 10, 11, 20, 21).

- Автореферат аз иштибоҳоти услубию имлоӣ холӣ нест (саҳ. 5, 7, 10).

**2. Жураева Рамзия Саидкуловна** – номзади илми филология, омӯзгори калони кафедраи забонҳои хориҷии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов, Тақриз дар маҷмуъ мусбат буда, чунин эродҳо манзур гардидаанд:

- Дар диссертатсия на ҳамаи маъноҳои маҷозии консепти «одоб/ politeness» таҳқиқ карда шудаанд.

- Хуб мешуд, ки дар боби дуюми диссертатсия дар баробари масоили баррасишуда ба таърихи пайдоиши консепти мавриди назар равшанӣ андохта мешуд, зеро он имконият фароҳам меорад, ки ҳарчи бештар хусусиятҳои маънои консепт ошкор карда шаванд.

- Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ мавҷуд ҳастанд.

**3. Валиева Замира Абдусаломовна** номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забонҳои англисӣ (байнидонишгоҳӣ)-и Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон. **Тақриз** мусбат буда, ба автореферат ду эрод гирифта шудааст:

- Дар диссертатсия пайи ҳам иқтибосҳоро овардан кори шоиста нест. Чунин ҳолат дар саҳифаи 14-и фишурдаи диссертатсия ба чашм мерасад.

- Хуб мешуд, ки диссертант бештари таваҷҷуҳи худро ба рисолаву корҳои илмии забоншиносон ва типологони русу англис равона менамуд, то ки ҳусну фасоҳати диссертатсия дигаргун мегашт.

**4. Тӯраева Гулорохон Бурҳоновна** – номзади илми филология, дотсенти кафедраи забони англисии факултети забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. Тақриз мусбат буда, чунин эродҳо пешниҳод гардидаанд:

- Дар раванди ҷамъоварии мавод оид ба мафҳуми «одоб» диссертант аз сарчашмаҳои зиёде иқтибос овардааст, хуб мешуд ки ҳар як мафҳуми марбутаро муаллиф бо номҳои таърихиашон нишон медод.

- Агар диссертант дар заминаи таҳқиқи мавзуи мазкур ба сарчашмаҳои таърихӣ ва қомусҳо ва асари дигар муаллифон ва забоншиносон назар меафканданд, хеле хуб мешуд.

- Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсияи мазкур ғалатҳои услубиву имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд (с. 9, 10, 20 ва ғ.).

Муқарризон дар баробари нишон додани баъзе нуқсонҳои диссертатсия ва автореферати он (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии кор, инчунин дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор донистанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд,** ки довталаби дараҷаи илмӣ зимни иҷро кардани таҳқиқи илмӣ чунин масъалаҳоро ҳаллу фасл намудааст:

➢ боло рафтани нақши муошироти байнифарҳангӣ бо назардошти ҳамкориҳои байналхалқӣ;

➢ ивазшавии нақши муошират ва дарки он ҳамчун раванди самараноки ҳамкориҳо дар шароити бархурди тамаддунҳо;

➢ ташаккули талабот ба сифати равобити байнифарҳангӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ;

➢ рушди масъалаҳои муошырати байнифарҳангӣ ва таъсири мутақобилаи онҳо зимни ниёз ба донистани хусусиятҳои этникии «одоб» ва рафтори муаддабона аз тарафи намояндагони фарҳангҳои бегона.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти** мазкурро асарҳои илмию назариявии олимони забоншинос, хусусан дар соҳаи забоншиносии шинохтӣ (когнитивӣ) ва муқоисавию таърихӣ ташкил медиҳанд. Доир ба масъалаҳои назариявии консепт ва тасвири забони ҷаҳон асарҳои муҳаққиқон Н. Ф. Алиференко, Ҷ. Лакофф, М. Ҷонсон, Е.С. Кубрякова, Н. Д. Арутюнова, И. А. Стернин, В. Н. Телия, С. Г. Воркачёв, М. В. Пименова, Е. В. Урисон, ва В. А. Маслова ҳамчун асоси назариявию методологӣ истифода шудаанд.

Ҳамчунин, оид ба масъалаҳои назариявӣ ба асарҳову мақолаҳои илмии олимони тоҷик П.Ҷамшедов, М.Т. Ҷабборова, Нағзибекова М.Б., С. Ҷаматов, Д. Искандарова, Х. Шанбезода, А. Маҳмадназаров, З.Мухторов, Ф. М. Турсунов, Ш. Бобомуродов, С. Қ. Матробиён ва дигарон такя намудем.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи** довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ мешавад, ки таҳқиқи анҷомёфта имкон фароҳам меорад, то маълумотҳои зиёде оид ба хусусиятҳои консепти «одоб» дар забонҳои муқоисашаванда, бавижа дар байни забонҳои ба ҳам хеш ва ё бегона пайдо карда шуда, дар зима чараёни амалкарду рушди забонҳои тоҷикию англисӣ дар заминаи муқоисаву муқобалаи маводи таҳқиқ равшантар гарданд. Таҳқиқоти мазкур метавонад барои пешбурд ва идома додани омӯзиши ҳамаҷониба, бонизом ва амиқтари консепти «одоб» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мусоидат кунад. Маълумотҳои дастрасшуда барои таҳлили муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ арзишманд мебошанд.

**Аҳаммияти амалии** таҳқиқоти мазкур метавонад ҳам дар раванди таълими факултетҳои забоншиносӣ, хусусан зимни тадриси курсҳои забоншиносӣ-кишваршиносӣ, забоншиносии фарҳангӣ, забоншиносии қавмӣ, забоншиносии шинохтӣ (когнитивӣ), забоншиносии муқоисавӣ, муошырати байнифарҳангӣ, инчунин зимни машғулиятҳои амалияи нутқи шифоҳи ва хатти ва ҳам барои худомодагии муаллимону устодони фанҳои забоншиносӣ ва доираи васеи алоқамандони ин масъала мавриди истифодабарӣ қарор дода шавад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти мазкур муайян намудани вижагиву мушахассоти маъноиву сохтории консепти «одоб/ politeness» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад, ки дар ин замина умумият ва фарқияти консепти мазкур дар забонҳои мавриди таҳқиқ аз назари муқоисавӣ ва шинохтӣ (когнитивӣ) нишон дода мешавад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**. Таҳлили маъноиву сохтории консепти «одоб» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бар асоси маводи забони тоҷикӣ аз нуқтаи назари забоншиносии муқоисавӣ ва шинохтӣ бори нахуст ба шакли монографӣ ба таври амиқу густарда таҳқиқ карда шуд.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 1-уми июли соли 2023 дар бораи сазовор донистани Хушматов Намоз Раҳмонович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар, аз ҷумла 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ иштирок доштанд.

Дар овоздиҳӣ 14 нафар иштирок намуданд. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор — Ҷаматов С.С.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илми филология, дотсент — Каримова Д. Н.

01.07.2023